«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
__________________
«___» __________ 2023.

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба кори диссертатсионии Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод шудааст**

### I. Мубрамият ва аҳамияти мавзӯи интихобшуда

Яке аз хусусиятҳои хоси рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир ин афзалият пайдо кардани масъалаҳои рушди индустриалию инноватсионӣ ва саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ мебошад. Дар ин замина маҷмуи роҳу усулҳои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ба гузариш ба модели рушди ба инноватсия ва инвеститсия асосёфта вобаста мебошад. Бо ҳамин далел дар консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ рушди инноватсионии саноати кишвар мавқеи марказӣ дошта, таъсиси кластерҳо, паркҳои инноватсионию технологӣ, бизнес-инкубаторҳо ва дигар унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ аз ҷумлаи афзалиятҳои стратегӣ мебошанд.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи саноатӣ нишон медиҳад, ки рушди устувори саноат дар заминаи таъминоти инфрасохторӣ сурат гирифта, аз фаъолияти унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ вобаста мебошад. Бо назардошти таҷрибаи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои хоси рушди инноватсионӣ таҳия ва татбиқ карда шуда, дар самти таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии саноат як қатор санадҳои институтсионалӣ таҳия ва тасдиқ карда шудаанд. Ҳамаи ҳамин имконият дод, ки дар кишвар унсурҳои асосии инфрасохтори инноватсионӣ ташкил карда шуда, ҷиҳати тақвияти фаъолияти онҳо корҳои назаррас ба анҷом расонида шудааст. Вале, воқеият нишон медиҳад, ки ҳанӯз ҳам унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ дар рушди саноати кишвар таъсиргузор набуда, аксарияти онҳо фаъолият намекунанд. Бинобар ин асосноккунии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои хусусияти амалидошта ҷиҳати рушди низоми таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дорои аҳамияти муҳими назариявӣ, методӣ ва амалӣ мебошад.

Бо такя ба далелҳо ҳаминро қайд менамоем, ки мавзуи кори диссертатсионии Қодирзода Н.Ҳ. актуалӣ буда, натиҷаҳои ба дастомада барои тавсеаи низоми таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим доранд.

**II. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда**

Навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 –Иқтисодиёти саноат ва энергетика мутобиқат мекунад: 1. Асосҳои назариявию методологии таҳлили мушкилоти рушди саноатӣ, коркарди усулҳо, механизмҳо ва фишангҳои татбиқи сиёсати иқтисодии давлат дар соҳаҳои саноат ва энергетика. Ташкил ва идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии арзёбӣ ва баландбардории самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика. 6. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ. Рақобатпазирии маҳсулот, корхона ва соҳаҳои саноат ва энергетика; 12. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. Тартиби таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. 18. Ташаккули кластерҳои саноатӣ ва энергетикӣ, тавсеаи инфрасохтори инноватсионии рушди саноат ва энергетика. Мушкилот ва дурнамои рушди кластерҳои саноатӣ ва маҷмааи сӯзишворию энергетикӣ. 27. Рақамикунонии иқтисодёт ва идоракунии корхонаҳои соҳаҳои саноат ва энергетика. Арзёбии самаранокии рақамикунонии равандҳои идоракунӣ ва технологӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва комплекси сузишворию энергетикӣ. Моделҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ ва энергетика. 30. Мушкилоти ташаккулёбӣ ва рушди инфрасохтори соҳаҳои саноат ва энергетика. Таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ва энергетика.

**III. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он**

Муаллифи кори диссертатсионӣ дар таҳқиқоти диссертатсионии худ бо истифода аз маводҳои назариявӣ, методологӣ, оморӣ ва хусусияти амалидошта ҷанбаҳои нави муносибатҳои инноватсионӣ, инфрасохтори инноватсионӣ, унсурҳои он, методологияи ташаккул ва дастгирии давлати фаъолияти онҳо, истифодаи равишҳои кластерӣ ва шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва дигар самтҳои стратегии мавзуи таҳқиқотро илман асоснок ва пешниҳод кардааст. Кори диссертатсионӣ сохтор ва мантиқи хос дошта, саҳми шахсии илмии муаллиф дар тамоми давраи таҳқиқот эҳсос мешавад.

Кори диссертатсионии Қодирзода Н.Ҳ. аз сарсухан, се боб, нӯх зербоб, хулосаву пешниҳод ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад (141 номгӯй).

Дар муқаддима аҳамияти мавзуъ асоснок карда шуда, ҳадаф, вазифа, предмет, объект ва усулҳои тадқиқот муайян карда шуда, навгонии илмӣ, аҳамияти амалии он ошкор карда шуда, оид ба таъид ва нашри натиҷаҳои тадқиқот маълумот пешниҳод шудааст.

Дар боби якуми кори диссертатсионӣ **"Ҷанбаҳои назариявию методологии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ"** назария ва равишҳои таҳқиқи таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, методологияи ташаккул ва унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ ва таҷрибаи хориҷии таъмини инфрасохтории рушди саноат таҳлил ва баррасӣ карда шудааст.

Дар ин боб муаллиф назарияҳои асосии ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои саноатиро таҳқиқ намуда, равишҳои таҳқиқи мафҳуми инфрасохтори инноватсиониро гурӯҳбандӣ намудааст (Ҷадвали 1.1.1., саҳ. 18). Дар баробари ин сохтори муаллифии унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ таҳия карда шуда (саҳ. 23), таърифи муаллифии инфрасохтори инноватсионӣ пешниҳод карда шудааст (саҳ. 29).

Зимни таҳқиқи методологияи ташаккул ва инкишофи унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ аломатҳои таснифи он гурӯҳбандӣ карда шуда (саҳ. 33), махсусияти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шудааст. Ғайр аз ин муаллиф таснифоти бизнес-инкубаторҳоро пешниҳод кардааст, ки хусусияти методӣ дорад (саҳ. 39). Муаллиф унсурҳои асосии инфрасохтори инноватсиониро дар мисоли паркҳои технологӣ, инфрасохтори ёрирасон, кластерҳо ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ тасниф намудааст (саҳ. 42).

Муаллиф исбот намудааст, ки яке дастовардҳои назарраси давлатҳои пешрафтаи саноатӣ ва давлатҳои нави саноатӣ ин ташаккули низоми миллии инноватсионие мебошад, ки аз инфрасохтори пешрафтаи инноватсионӣ таркиб ёфтааст. Ҳамчунин таъкид шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи нахустини гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ қарор дорад, бояд ба таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи саноатӣ таваҷҷуҳ намуда, барои ташаккули инфрасохтори рушди инноватсионии саноати миллӣ аз таҷрибаи пешқадам истифода намояд.

Дар боби дуюм **"Таҳлили ҳолати муосир ва таъмини инфрасохтори рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон"** ҳолати муосир ва нишондиҳандаҳои рушди саноати кишвар, фаъолияти унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ ва омилҳои ба тавсеаи низоми таъмини инфрасохтории рушди саноат таъсиррасон таҳлил ва арзёбӣ шудааст.

Дар ин боб исбот карда шудааст, ки саноат аз чумлаи соҳаҳои калидӣ ва афзалиятдори иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар сиёсати давлатии рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ба он таваҷҷуҳи хос зоҳир карда мешавад. Ҳамин аст, ки рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли индустриалию инноватсионӣ пешбинӣ шуда, саноатикунонии босуръат ҳадафи чоруми рушди миллӣ эълон карда шудааст. Муаллиф собит намудааст, ки солҳои охир динамикаи рушди саноат дар минтақаҳои кишвар низ тамоюли мусбӣ дошта, имрӯзҳо дар қаламрави кишвар корхонаҳои нави саноатӣ бунёд шуда истодаанд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки таҳлили вазъи рушди фаъолияти инноватсионӣ дар унсурҳои мавҷудаи инфрасохтори инноватсионӣ имкон медиҳад, ки нуктаҳои заиф ва қавии он муайян карда шуда, дар ин замина фаъолияти онҳо тақвият ёбанд. Ба ақидаи муаллиф рушди инноватсионии саноати миллӣ аз ҷумлаи самтҳои калидии рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ин самт дар кишвар як қатор стратегия ва барномаҳои дохилӣ амалӣ карда мешаванд, ки ҳадафи онҳо тавсеа муҳити инноватсионӣ дар кишовар мебошад.

Ба ақидаи муаллиф инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун асоси рушди иқтисодиёти миллӣ тавассути ҳамкории зичи субъектҳо дар муҳити тағйирёбанда амал мекунад. Чунин робитаи мутақобила мафҳумҳои асосии ҳар як падидаи иҷтимоию иқтисодии низомҳои инноватсиониро ташкил медиҳад. Мутаносибан, дар асоси таҳлили вазъи воқеии фаъолияти инноватсионӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои дар фаъолияти инноватсионӣ иштироккунанда, аз ҷумла субъектҳои инфрасохтори инноватсионӣ маҷмӯи омилҳоеро ҷудо намудан мумкин аст, ки ба он таъсири бевосита мерасонад.

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ **“Самтҳои асосии таъмини инфрасохтории рушд инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон”** асосҳои консептуалии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, рушди инфрасохтори инноватсионӣ дар асоси равиши кластерӣ ва махсусияти рушди инфрасохтори инноватсионӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ асоснок карда шудааст.

Дар ин боб исбот шудааст, ки масъалаи дигар рушд накардани инфрасохтори инноватсионӣ, яъне ширкату ташкилот ва субъектҳои дигари хоҷагидоре, ки фаъолияти онҳо ба мусоидат ҷиҳати рушди илм, техника ва технология, ҳамчунин моддигардонӣ ва тиҷоратигардонии молу маҳсулот ва технологияҳои нав нигаронида шуда бошад. Дар ин боб ҳамчунин самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори, рушди инноватсионии саноат муайян карда шуда, самаранокии раванди

инноватсионӣ ва истифодаи захираҳои молиявиро таҳқиқ шудааст (саҳ. 115). Дар ин замина модели консептуалии рушди инноватсионии саноат дар шароити саноатикунонии босуръат пешниҳод шудааст, ки дар заминаи таъсири мутақобилаи ҷузъҳои он рушди фаъолияти инноватсионӣ ташаккул дода шаванд.

Таҳқиқоти анҷомдодаи исбот намудааст, ки равиши кластерӣ имкон медиҳад, ки бартариҳои махсусгардонӣ, ҳамгироӣ ва кооператсия дар баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ дар системаи ташкилию иқтисодӣ (кластери минтақавӣ, соҳавӣ) аз ҳисоби муттаҳидсозии сохторҳои истеҳсолӣ, молиявӣ, интеллектуалӣ ва идоракунӣ муттаҳид карда шаванд. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки маҳз ҳамоҳангсозии стратегияҳо механизми ҳамкории иштирокчиёни кластерро ҳамчун системаи муносибатҳо муайян мекунад, ки барои таҳкими мавқеи онҳо таъсис ёфта, ҳуқуқ, ӯҳдадориҳо, тартиб, самти ҳамкорӣ ва хусусияти робитаҳои сершуморро муқаррар мекунад.

Дар ин боб исбот гардидааст, ки аз нуқтаи назари тиҷоратикунонии инноватсияҳо ҳамкории бахши давлативу хусусӣ дар робита бо объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ метавонад ба тақвияти фаъолияти инноватсионӣ дар саноат мусоидат намуда, тавассути афзалиятҳои худ барои ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ замина фароҳам созад.

**Хулоса ва пешниҳод** фарогирӣ натиҷаҳои назариявӣ ва амалии ба дастомада мебошанд.

Бояд таъкид сохт, ки кори диссертатсионӣ характери навоварона дошта, навоварии онро интихоби мавзӯъ ва ташаккули мазмуни тадқиқот муайян мекунад. Кори диссертатсионӣ табқи талабот омода шуда, қисмҳои алоҳидаи он мукаммал буда, вазифаҳои гузошташуда иҷро карда шудаанд.

## IV. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда додан мумкин аст

Диссертант натиҷаҳои зерини асосии илмиро ба даст овардаст, ки дар ҳалли масъалаи таҳқиқшуда назаррас мебошанд:

- асосҳои назариявии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир таҳқиқ карда шуда, исбот карда шудааст, ки мавҷудияти инфрасохтори инноватсионӣ шарти асосии таъмини рушди устувор ва омили муайянкунанадаи сатҳи рушди муносибатҳои истеҳсолӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мебошад;
- исбот гардидааст, ки инфрасохтори инноватсионӣ дар фаҳмиши маҳдуд ва васеъ маҷмӯи муносибатҳоеро ифода мекунад, ки дар заминаи онҳо ташаккул ва рушди фаъолияти инноватсионӣ сурат мегирад;

- маҷмуи омилҳое ошкор ва гурӯҳбандӣ карда шудаанд, ки ба ташаккули фаъолияти инноватсионӣ ва рушди инноватсионии саноат таъсир мерасонанд;

- асосҳои консептуалии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ таҳия карда шудааст, ки фарогири ҷузъҳои институтсионалӣ, ташкилию иқтисодӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ мебошад;

- истифодаи равиши кластерӣ дар тавсеаи таҷрибаи таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ илман асоснок карда шуда, пешниҳод шудааст, ки дар заминаи иштироки давлат, корхонаҳои бузурги саноатӣ, муассисаҳои илмию таълимӣ, молиявӣ ва намояндагони бахши хусусӣ равиши лоиҳавии таъсиси кластерҳои инноватсионӣ татбиқ карда шавад;

- самтҳои асосии дастгирии давлатии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, пешниҳод шудааст, ки истифодаи механизми ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва фаъолгардонии унсурҳои мавҷудаи инфрасохтори инноватсионии кишвар таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шавад;

Аҳамияти назариявӣ ва амалии дар он ифода меёбад, ки муқарраroти назариявию методологӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ метавонанд дар амалия истифода карда шаванд. Тадқиқоти муаллифӣ оид ба инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ бо дарназардошти натиҷаҳои таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ҳангоми кор оид ба дигаргунсозии инноватсионӣ истифода мегарданд.

**V. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Кори диссертатсионии Қодирзода Н.Ҳ. ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ бахшида шуда, дар он самтҳои асосии инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ аз он ҷумла, 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шудаанд.

Автореферати диссертатсия ва корҳои илмии муаллиф муҳтавои асосии таҳқиқоти анҷомшударо инъикос менамоянд.

**IV. Эродҳо нисбат ба кори диссертатсионӣ**

Дар баробари баҳои умумии мусбат додан ба кори диссертатсинӣ дар бораи нуктаҳои алоҳидаи он фикру мулоҳизаҳо ва эродҳои зеринро баён кардан мумкин аст:

- дар боби аввал масъалаҳои таъсири иқтидори инноватсионӣ ба ташаккул ва инкишофи инфрасохтори инноватсионӣ норавшан боқӣ монда, таъминоти кадрии ташаккули унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ ва таъмини фаъолияти босамари онҳо дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашудааст;

- азбаски объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ ба ҳисоб меравад, бояд муаллиф модели самараноки ташаккул ва дастгирии унсурҳои афзалиятдори инфрасохтори инноватсиониро исбот намуда, хусусиятҳои муҳими муҳити инноватсионии саноати кишварро асоснок мекард;

- зимни гурӯҳбандии омилҳое, ки ба таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноат таъсир мерасонанд муаллиф технологияҳои ахборӣ ва рақамиро ҷудо накарда, дар ин замина ба ташаккули унсурҳои маҷозии инфрасохтори инноватсионӣ бояд таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд, ки дар оянда имкон медиҳад, ки равишҳои стратегии фаъолсозии он муайян карда шаванд;

- пешниҳодҳо оид ба таъсири танзимкунандаи мақомоти давлатӣ дар системаи рушди инфрасохтори инноватсионии саноат, ки аслан ба муайян намудани вазифаҳои стратегӣ ва тактикии ташаккули сиёсати инноватсионӣ ва муайян намудани самтҳои дастгирии идоракунӣ барои ташкили онҳо алоқаманд мебошанд, дар сатҳи нокифоя асоснок карда шудааст;

- бо назардошти аҳамияти стратегии инфрасохтори инноватсионӣ ва нақши он дар рушди саноат муаллифро зарур буд, ки дурнамои стратегии рушди инноватсионии саноатро дар заминаи таъсиси кластерҳо ва марказҳои инноватсионию технологӣ таҳия ва пешниҳод мекард.

- дар матни кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Камбудӣ ва эродҳои дар боло овардашуда сатҳи асосокӣ, эътимоднокӣ ва навоварии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

## V. Мутобиқати диссертатсия ба талабот нисбати барасмиятдарории он мувофиқи меъёрҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса, кори диссертатсионии Қодирзода Н.Ҳ. кори илмию тахассусӣ анҷомшуда ба ҳисоб рафта, дорои навгониҳои илмӣ ва муқарраротҳои эътимоднок мебошад. Кори анҷомшуда ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” КОА назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Ҳамин тавр кори диссертатсионии Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод шудааст ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он, Қодирзода Неъматулло Ҳабиб сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ аз рӯйи тасдиқи тақризи муассисаи пешбар: тарафдор - 9 нафар; зид – нест; бетараф – нест (Протокли № 4 аз 03.11.2023.).

**Раиси ҷаласа, мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ н.и.и., дотсент** **Нуриддинов С.З.**

**Лоиҳаи тақризро омода намуд: н.и.и., и.в. дотсент** **Мирзоева Е.Ш.**

**Котиби ҷаласа муаллими калон** **Нурублоева М.М.**

*Имзои С.З.Нуриддинов, Е.Ш. Мирзоева. ва М.М. Нурублоеваро тасдиқ менамоям.*

*Сардори ШККМ ДДМИТ ________ Шарипов У.А.*

ШУЪБАИ КАДРХО ОТДЕЛ КАДРОВ

*Сурога: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, tgfeu@tgfeu.tj*
*Тел.: +992 985022224. E-mail:* evgeniya-2385@mail.ru